Тақриз

ба фишурдаи рисолаи Камолова Гадобегим дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактики таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)

Пажӯҳишҳое, ки донишмандон ва устодони фозил перомуни масоили вожашиносӣ, сарфу наҳв, усули таълими забон ва адабиёт, услуби нигориши осори адибони давраҳои гуногуни адабиёти тоҷику форс кардаанд, сарчашмаи илҳоми муҳаққиқони минбаъда гардидааст. Бо истифода аз назариёти илмии онҳо рӯ овардан ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни забон ва осори адибон ва дар ин замина нишон додани таҳаввулоти луғавӣ, сарфиву наҳвии забон ва усули таълими забон ва адабиёт мавзӯи муҳимми илмӣ мебошад, зеро дастовардҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодию сиёсӣ ва илмию фарҳангӣ маҳз дар забони навиштаҳои адибон инъикос меёбад. Ҳамчунин баррасии паҳлуҳои мухталифи забон дар ҳама давраҳо ҷиҳати нишон додани ташаккули таърихии ҳодисаҳои гуногуни забонӣ ва пайдо кардани роҳу усулҳои таълим он, аз ҷумла таълими аломатҳои китобат ба инкишофи нутқи хаттии хонандагон мусоидат мекунад. Аз ин ҷост, ки пажӯҳиш дар мавзӯи мазкур саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Дар фишурда доир ба масоили мубрам будани мавзӯъ, аҳаммияти илмию назариявӣ, дараҷаи пажӯҳиши мавзӯъ, манбаи тадқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот, навгонӣ ва ғайра ба таври зарурӣ зикр гардидааст. Мақсади муаллиф дар муқаддима ва се боби кор тарҳрезӣ шуда, дар зерфаслҳои он пайгирӣ мешавад, ки муаллиф онро дар сатҳи баланди илмӣ анҷом додааст.

Аз фишурдаи рисола маълум аст, ки масоили назариявии марбут ба мавзӯъ пурра омӯхта шуда, бо интихоби дурусти усули таҳлил, таҳқиқу арзёбии мушкилоти аломатҳои китобат ва таълими онҳо бахшида шудааст.

Мубрамияти пажӯҳиш дар он аст, ки аломатҳои китобат дар алоҳидагӣ ва усули таълими онҳо баррасӣ гардидааст. Аз ин рӯ, барои омӯзгорон ва хонандагон масъали муҳимме ба шумор меравад.

Тадқиқоти мазкур барои муҳаққиқони ояндаи илми забоншиносӣ, махсусан нафароне, ки ба усули таълими забон ва адабиёти точик сару кор доранд, маводи хуёби илмӣ буда метавонад.

Натичa ва хулосаҳои пажӯҳиш низ эътимодбахш буда, манобеи илмӣ ва назарии ба мавзӯи рисола иртиботдошта мавриди истифода қарор гирифтааст, ки онҳо дар феҳрасти адабиёт бо риояи тартиби алифбо зикр гардидаанд.

Муваффақиятҳои кор зиёданд ва дар баробари ин бояд зикр кард, ки дар автореферат баъзе нуқсонҳо ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо танҳо ба хотири беҳбудии кор аст:

1. Маълум аст, ки усули таълими аломатҳои китобат дар мактаб ҳоло ба таври чиддӣ ба роҳ монда нашудааст. Агар дар кори илмии мазкур аз усули интерактивӣ барои шавқовар гузаштани дарс истифода мегардид, сифати кор ранги дигар мегирифт.

2. Доир ба мавқеи аломатҳо сухан гуфта, барои баъзеи онҳо ё аз назм ва ё аз наср мисол оварда мешавад. Аммо дар баъзан ҳолатҳо мисол оварда намешавад. Чунончи, дар мавриди аломати хитоб саҳ.8, банди б.

3. Калимаи зарурат барғалат зарурият сабт гардидааст, саҳ.10.

Ин камбудҳо қимати илмии рисоларо, ки дар сатҳи баланди илмӣ нигошта шудааст, ба ҳеҷ ваҷҳ кам намекунанд, ислоҳшавандаанд.

Рисола дар навиштани бахши наҳв, дарсҳои курси махсуси донишҷӯёни риштаи забони форсӣ, арабӣ, ҳамчунин барои муҳаққиқон чун воситаи таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо кӯмак мерасонад. Аҳаммияти амалии кор низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳое, ки унвонҷӯ чоп кардааст, ба талабот пурра мувофиқанд.

Фишурдаи рисолаи Камолова Гадобегим дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактики таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии

нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» кори анҷомёфта буда, ба талаботи рисоланависӣ, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо дорад, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
Муовини ректор оид ба таълими
Донишкадаи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзализода Ҷумахон Хол

27 августи соли 2019

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33.
E-mail: f.jumakhon@mail.ru
Тел.(+992)918506324

Имзои профессор Ҷ.Файзализодаро
тасдиқ менамоям: Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримов И.
27 августи соли 2019